**ХУЛОСАИ**
**ниҳоии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ___
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 29.06.2023, № 34

Дар бораи сазовор донистани Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи “Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира” аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ) ба ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 14-уми апрели соли 2023 (Протоколи №30) қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, тахти №311/01шд).

Довталаби дараҷаи илмӣ Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович соли таваллудаш 14.08.1991, соли 2013 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси филологияи тоҷик (забон ва адабиёти тоҷик) хатм намудааст. Инчунин соли 2015 бахши магистратураи Донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ хатм кардааст. Аз соли 2017 то 2020 ҳамчун докторанти (PhD) кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият намудаанд. Аз соли 2019 то ин ҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кор ва фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**:

**Гулахмедов Мусамир,** доктори илмҳои фалсафа, собиқ профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Шарифзода Лоҳутӣ Шариф,** доктори илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**Қувватзода Сайдулло Зувайд,** номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ш. Душанбе) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи

фанҳои гуманитарии ДДТТ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Ҷ.М. Неъмонов, котиби маҷлис, номзади илмҳои фалсафа, дотсент М.И. Шарипов ва омодасози лоиҳаи тақриз, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Д.М. Хуморов имзо гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи "Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира" аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ) мебошад.

Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович оид ба мавзуи диссертатсия 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия чоп намудааст. Инчунин оид ба масъалаҳои мавзуи диссертатсионӣ дар 2 конференсияи ҷумҳуриявӣ баромад намудааст, ки маводҳои онҳо чоп гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда:**

**- мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп шудаанд:**

[1 - М] Мирзоев, С. М. Сиёсат ва ҳуқуқҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] /С. М. Мирзоев // Маърӯзаҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. №1 (005). – С. 103-107. ISSN 0002-0000.

[2 - М] Мирзоев, С. М. Сиёсат ва фарҳанги экологӣ. [Матн] / С. М. Мирзоев, М. Гулахмедов, Г. А. Абдуназарова // Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020. №1. [45] [01-02] – С. 150-157. ISSN 2664-0651.

[3 - М] Мирзоев, С. М. Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти экологии вобаста ба об. [Матн] /С. М. Мирзоев // Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. №4. (012).– С. 123-127. ISSN 2076-2569.

[4 - М] Мирзоев, С. М. Сиёсати экологӣ, моҳият ва принсипҳои асосии он. [Матн] / С. М. Мирзоев // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 2021. №1. – С.159-162. ISSN 0235-005X.

[5 - М]. Мирзоев, С.М. Сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ [Матн] / С.М. Мирзоев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021. №2 (2). С.93-100. ISSN 2710-4672.

[6 - М]. Мирзоев, С.М. Таснифоти сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна [Матн] / С.М. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. №4. – С.302-309. ISSN 2413-5151.

[7 - М]. Мирзоев, С.М. Роҳҳои ҳалли мушкилоти экологии вобаста ба об дар Осиёи Миёна [Матн] С.М. Мирзоев // Идоракунии давлатӣ. – 2022. –№3 (57). – С.282-289. ISSN 2664-0651.

**- маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ:**

[8 - М]. Мирзоев, С.М. Хусусиятҳои сиёсати экологии вобаста ба об дар Осиёи Миёна // Маводҳои конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ "Терроризм ва экстремизм падидаҳои хатарзои ҷомеаи муосир" (26-уми апрел, ш. Душанбе). - Душанбе, 2019. - С. 83-87.

[9 - М]. Мирзоев, С.М. Моҳият ва хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои сиёсии ҷаҳон" (29-уми октябр, ш. Душанбе). -Душанбе, 2021. - С. 237-241.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

**Муродов С.А.** - номзади илмҳои сиёсӣ, мудири шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

- диссертант ба таҷрибаи ҳалли мушкилоти экологии минтақаҳои дигари олам чандон таваҷҷуҳ накардааст;
- раванди таҳқиқот ва сатҳи назариявию амалии он имконият медиҳанд, ки диссертант назари консептуалии худро дар мавриди сиёсати экологии минтақавӣ баён намояд. Мутаассифона, чунин иқдом дар кори диссертатсионӣ ба амал наомадааст.

**Ҷумахонова М.А.** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии МД ДҶТИБКСМ. Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

- диссертант бояд ҷойгоҳи муҳимми сиёсати экологиро ҳамчун омили асосӣ дар танзими муносибатҳои экологӣ ба таври мушаххас ва бо овардани мисолҳо дар фазои сиёсии кишварҳои Осиёи Миёна муайян менамуд;
- беҳтар мешуд, ки муаллиф субъектҳои асосиеро, ки ба сифати омили таъсиррасон дар сиёсати экологии минтақа нақш доранд, мушаххас менамуд.

**Азимова М.М.** – номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино". Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

- хуб мешуд, ки агар муаллиф ҳамгироии давлатҳои минтақаи Осиёи Миёнаро дар самти амалишавии сиёсати ягонаи экологӣ ба таври воқеӣ нишон дода, масъалаҳои асосии онҳоро нишон медод;

- муаллиф бояд ба тарафҳои ахлоқию тарбиявӣ ва омӯзишии масъалаҳои экологӣ таваҷҷуҳ менамуд. Зеро тарбияи экологӣ низ аҳамияти калонро дар низоми ҳалли масъалаҳо касб менамоянд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар мавзуи таҳқиқшуда, аз ҷумла дар бораи хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна, пеш аз ҳама, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳозира, шаклҳои гуногуни таъсиррасониҳои он бо истифода аз навъҳо ва шаклҳои мухталифи технологияҳои сиёсӣ ва ғайра корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд. Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти омӯзиши масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ, шаклҳои идоракунии давлатӣ саҳми муносиб дошта, ба масъалаҳои ташаккули ҷомеаи муосири Тоҷикистон, таҳаввули идеалҳои рушди ҳаёти сиёсии ҷомеа ва ҳалли масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ аҳамияти хосса медиҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- заминаҳои асосии ташаккули сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна муайян гардидаанд;
- мафҳум, мундариҷа ва моҳияти сиёсати экологӣ дар доираи таълимоти мухталифи иҷтимоию сиёсӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст;
- хусусиятҳои сиёсати миллии экологии давлатҳои Осиёи Миёна муайян карда шудааст;
- қонун, консепсия ва хусусиятҳои ташаккули сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар замони соҳибихтиёрӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.
- таъсири манфии оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва бухрони экологии ҷаҳони муосир ба минтақа ва Тоҷикистон нишон дода шудааст;
- мушкилоти экологии вобаста ба об дар Осиёи Миёна мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст;
- хусусиятҳои хоси фарҳанги экологӣ ва сиёсати экологӣ дар минтақа омӯхта шуда, мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст;
- тамоюлҳои рушди минбаъдаи вазъи экологӣ дар минтақа, тақвияти нақши фаъолияти дастаҷамъонаи экологӣ дар таҳкими субот ва рушди устувори минтақа нишон дода шудаанд.
- мушкилоти экологӣ – сиёсии баҳри Арал ва дурнамои масоили обӣ – экологӣ дар минтақа мавриди таҳқиқ, таҳлил ва натиҷагириҳо қарор гирифтааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ дар мавзуи диссертатсионӣ метавонад ҳамчун манбаи муҳимми илмӣ ва асоси

таҷрибавӣ дар баррасии минбаъдаи масъалаҳои сиёсати минтақавии экологӣ ва таъсири он ба соҳаи таъмини инкишофи мутаносиби ҷомеаи муосир истифода шаванд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаи коркардҳои назариявии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар асоси онҳо муаллиф ҷамъбасти назариявӣ, хулосаҳои дақиқ, тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст, бештар рӯзмарра гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар пешбурди фаъолияти касбии мутахассисон дар коркардҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ ва кор бо истифодаи технологияҳои муосир бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таъмини инкишофи мутаносиби сиёсии ҷомеа муфид мебошанд.

**Натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар воқеияти ҷамъиятӣ татбиқи васеи хешро пайдо менамоянд.** Натиҷаҳои кори илмӣ – таҳқиқотӣ дар пажӯҳиши минбаъдаи хусусиятҳои сиёсати экологӣ, махсусан, ҷиҳати таҳқиқи таҳдиду хатарҳои экологӣ ва оқибатҳои ногувори он метавонанд ҳамчун манбаи назариявӣ истифода шаванд. Муҳим ин аст, ки дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои назариявии таҳдиду хатари экологӣ дар шароити Тоҷикистон коркард шудаанд. Инчунин хулосаҳои таҳқиқот барои возеҳу равшан намудани хусусиятҳои бевоситаи даъватҳо ва хатарҳои экологӣ низ мусоидат менамоянд.

Маводи диссертатсия дар раванди таълими илмҳои сиёсӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ метавонанд истифода шавад. Инчунин, арзиши назариявии натиҷаҳои таҳқиқот бо он асоснок карда мешаванд, ки хулосаҳо ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи таҳлили назарияи илмӣ ва тағйирпазирии равандҳои сиёсӣ анҷом дода шудаанд, ки дар самти коркарди консептуалии муқовимат бо хатарҳо ва таҳдидҳои экологӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот ба воситаи асосҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолифат надоштани онҳо бо назарияи сиёсии муосир ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми сиёсӣ ифода меёбад. Инчунин, дар таҳқиқоти мазкур сарчашмаҳои иттилоотии расмӣ истифода шудаанд, ки қисме аз натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳлили онҳо, омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлили равандҳои сиёсии ҷомеа ба даст омада, натиҷагирӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ–таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ,

пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор мераванд.

Маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз таърихи 29-уми июни соли 2023 дар бораи сазовор донистани Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктoрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Аз 11 нафар иштирокчиён, ки дар маҷлиси шуро ҳозир буданд, овоз доданд: тарафдор – 11, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор /________________/ Зокиров Г.Н.

И. в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои таърих /________________/ Акрамӣ З.И.

29.06.2023